## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 00. – Забоншиносӣ (10.02.01.– Забоншиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои ономастика дар забоншиносии тоҷик таърихи на он қадар тулонӣ дошта, дар пояи баррасии унсурҳои луғавӣ, сохтори калимаҳо дар ин ё он асар корбастшуда ва мансубияти забонии онҳо сурат гирифта, ин мақсад бо иҷрои вазифаҳои гуногун робитаи зич дорад. Диссертатсияи номзадии мазкур ба таҳқиқи вижагиҳои луғавию маъноии маводи ономастикии асари *«Ономастикаи «Таърихи Систон (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)»»* бахшида шудааст. Баррасӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни маъноӣ ва сохтории вожаҳои таркиби луғавии асари мавриди баррасӣ қароргирифта ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқи *Тағоймуродзода Санифа Тағоймуродро* ташкил дода, тамоми маводи гирдовардашуда дар се боб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар тули фаъолияти унвонҷӯйи худ доир ба кори диссертатсионияш маводи заруриро гирдоварӣ намуда, таснифот гузаронида, дар асоси нақшаи таҳиянамуда онҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст. Ҳамчунин, доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ осори зиёди илмии забоншиносони тоҷик ва забоншиносони хориҷиро хонда, аз назарияҳои лингвистии муҳаққиқони зиёде баҳрабардорӣ кардааст. Дар асоси таҳқиқи асари «Таърихи Систон» вазъи забони адабӣ ва таркиби луғавии он, корбурди номвожаҳои забони адабии замони муаллифи асарро муайян намудан мумкин аст. Асари «Таърихи Систон» дорои таркиби луғавии пурғановат буда, дар он қабатҳои гуногуни луғавии марбут ба ҷойномҳо маҳсули эҷодии нимаи аввали асри XI маҳсуб мeёбад ва ин асар дар рушди забони адабии тоҷикии ин давр нақши муайяне гузошта, то кунун аз нигоҳи забонӣ мавриди таҳқиқи мукаммал қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мазкур дар баробари

таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқиони соҳа дар як рада қарор гирифта, ҷолибияти забонии асари мазкурро собит менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқи анҷом гирифта метавон ба чунин натиҷа расид, доир ба масъалаи маводи ономастикии асари мавриди таҳқиқ қарор гирифта, бавижа ҷойномҳо аз нигоҳи сохтор ва маъно ҳанӯз ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши ҷиҳатҳои маъноӣ ва сохтории маводи ономастикии асари «Таърихи Систон»-ро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи ин асарро дар ономастикаи таърихӣ муайян менамояд ва ҳамзамон вижагиҳои сохторӣ ва маъноии онҳоро муқаррар мекунад. Барои ба ин ҳадаф расидан кӯшиш шудааст, ки заминаҳо ва марҳилаҳои фароҳам омадани маводи ономастикаи таърихии асарро муайян сохта, ин масоилро дар робита бо вижагиҳои диахронӣ таҳқиқ карда, нақши номҳои ҷуғрофиро дар ташаккули ҷойномҳои асар нишон додааст. Ҳамчунин вазифаи дигари таҳқиқ мушаххас намудани зинаҳо ва вижагиҳои таърихии маводи ономастикии асар муаррифӣ мешавад. Дар ин замина унвонҷӯй маводи зиёдеро фароҳам оварда ҷанбаҳои таърихӣ ва забонии онро арзёбӣ карда, ҷойгоҳи ҷойномҳоро дар инкишофи таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ мушаххас кардааст.

Унвонҷӯй С.Т.Тағоймуродзода дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, нахустин маротиба дар маводи ономастикии асарро аз нигоҳи сохтор ва маъно ба таври ҷудогона ва системавӣ таҳлилу баррасӣ карда, маводи гирдовардашударо таҳлили сохторӣ ва маъноӣ намуда, ҷиҳату вижагиҳои онҳоро дар асоси таҳлили лингвистӣ муайян кардааст. Инчунин маводи ономастикии асарро ба чандин зергурӯҳҳо: топонимҳо ва бахшҳои он (астионимҳо, полионимҳо ва комониму зоонимҳо), антропонимҳо ва қисматҳои он (лақабу номи мустаору зербахшҳои он) тасниф кардааст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти С.Т.Тағоймуродзода дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)»»

пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма дар таҳқиқи таърихи номшиносии забони тоҷикӣ ва гӯйишшиносии он ба таври густурда истифода шавад. Ҳамзамон хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқро ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ муҳаққиқони минбаъда метавонанд дар таҳқиқи таърихи забони адабии ин аҳд мавриди баҳрабардорӣ қарор бидиҳанд.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти маводи ономастикии асарро ба сифати як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хизмат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти шинохти чеҳраҳои фарҳангиву таърихӣ дар таърихи забони тоҷикӣ ва махсусан дар омӯзиши маводи ономастикии асар мавриди васеи истифода қарор гирад.

Ҷанбаи назариявии диссертатсия ба воситаи пажуҳишу баррасии ҷиҳатҳои маъноии маводи ономастикии асари мавриди таҳқиқ қароргирифта, дар асоси маводи гирдовардашуда доир ба чанде аз хусусиятҳои лексикӣ, савтӣ ва услубиёти таърихи забони адабии тоҷикӣ, ба вижа, доир ба қишрҳои луғавии забони адабии тоҷикӣ, ки дар инкишофи он маводди ономастикӣ нақши калидӣ дорад, кори илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои илмии ба даст омадаро дар нигоштани китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, ономастикаи таърихӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосир, инчунин, дар мураттабсозии фарҳангу луғатномаҳои топонимӣ ва антропонимӣ метавон корбурд намуд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **8** мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод **6** мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 02.00.– Забоншиносӣ (10.02.01.– Забоншиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино-1,
кӯчаи Дилкушо, 28, кв. 7.
Телефон: (+992) 907-79-82-65.
E-mail: homidov65@mail.ru

«___» феврали соли 2024.

**Имзои Ҳомидов Дилмурод Раҷабовичро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«___» феврали соли 2024.